	истифодабарии воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ ҳангоми ба муҳити атроф ихроҷ гардидани моддаҳои сахттаъсири захролудкунанда. Омӯхтани усулҳои асосии "Муҳофизати аҳоли аз моддаҳои захролуди сахттаъсир" (МЗС). Хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористӣ. Мутолиаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм". Терроризм ва ифротгароӣ (экстремизм). Ташкил ва идоракунии қувва ва воситаҳои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода. Ба ҳуд ва ба ҳамдигар расонидани ёрии аввалин ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, садама, фалокатҳо ва дар рафти амалиётҳои ҷангӣ. Мустақилона омӯхтани "Тарзу усулҳои истифодабарии воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ ҳангоми рӯх додани ҳолатҳои фавқулода. Накш ва вазифаҳои мудофиаи шаҳрвандӣ дар замони муосир. Роҳбарӣ ва идоракунии мудофиаи граждании. Қувваҳои мудофиаи граждании, ҳайат, таъшот ва тартиби истифодабарии онҳо. Мутолиаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мудофиаи граждании". Чорабиниҳои асосӣ оид ба устуворгардонии иншоотҳои иқтисодӣ дар давраи ҷангӣ. Иншоотҳои муҳофизатии мудофиаи граждании ва тартиби истифодабарии онҳо. Ҷамъоварии маълумот ва омӯхтани "Тарзу усулҳои сохтмони иншоотҳои муҳофизатӣ ва паноҳгоҳҳои оддитарин". Маълумоти умумӣ оид ба воситаҳои муосири зарбазан. Шабакаҳои дидбонӣ ва назорати лабораторию мудофиаи шаҳрвандӣ. Ҷамъоварии маълумот оид ба "Воситаҳои интиқолдиҳии ҳозиразамони зарбазан". Ҳадамоти мудофиаи шаҳрвандӣ. Вазифаҳои онҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода. Меъёрҳои таъминоти ёрии аввалиндарача ба зарардидагони ҳолатҳои фавқулода. Омӯхтани маводҳои таълимӣ доир ба "Расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба зарардидагон дар ҳолатҳои фавқулода". Ташкили тайёрӣ, омӯзиши аҳолӣ ва баҳисобгирии нерӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи шаҳрвандӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи шаҳрвандӣ. Ташкил ва гузаронидани машқҳои мудофиаи шаҳрвандӣ. Омӯхтани маводҳои таълимӣ ва дастурамалҳои методӣ оиди "Ташкил намудани чорабиниҳои эвакуатсионӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи замони осоишта ва ҷангӣ".		
III.	**БАХШИ ФАНҲОИ УМУМИКАСБӢ**	**84**	**2016**
БФУ 01	**Анатомияи одам** **I. Остеология.** Мукаддима ва маълумоти мухтасар аз фанни анатомияи одам. Маълумоти морфологӣ дар бораи бофтаҳо, узвҳо ва системаи узвҳо. Меҳварҳо ва ҳамвориҳо. Скелет. Устухон ҳамчун узв. Мӯҳраҳо: мӯҳраҳои гардан, сина, миён, чорбанд ва думгоза. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Даврaҳои онтогенези одам. Анатомияи умумии системаи устухонҳо. Сохт ва инкишофи системаи устухонҳо. Қабургаҳо, устухонҳои туш, кулфак ва шона. Устухонҳои китф, устухонҳои бозузии даст ва панҷаи даст. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Инкишоф ва анатомияи функсионалии	**10**	**240**

косаи сар. Ҳосилаҳои анатомии косаи сар. Устухонҳои чанбари кос ва рон. Устухонҳои соқ ва панчаи пой. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Шакл, андозаҳои косаи сар. Хусусиятҳои фардӣ ва чинсии косахонаи сар. Танқиди «Назария»-и нажодпарастон дар кадуфтшиносӣ (краниология). Устухонҳои косаи сар: пешона, фарқи сар ва пушти сар. Устухонҳои фонашакл ва тӯршакл. Хусусиятҳои синну солии онҳо.

II. Артросиндесмология. Маълумоти умумӣ оиди пайвастшавии устухонҳо. Хелҳои пайвастшавии устухонҳо. Таснифи бандҳо. Устухони чакка ва каналҳои он. Устухонҳои чоғи боло, поён ва устухонҳои хурди рӯи косаи сар. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи функсионалии пайвастшавии устухонҳои тана. Сутунмӯҳра. Қафаси сина. Пайвастшавии устухонҳои косаи сар. Косаи чашм. Чуқурчаҳои чакка, зери чакка ва болу ком. Биомеханикаи бандҳои чанбари китф ва андоми озоди боло. Биомеханикаи бандҳои чанбари кос ва андоми озоди поён. Ковокии бинӣ. Ҷавфҳои назди бинигӣ. Косаи сари бутун. Топографияи берунии косаи сар. Хусусиятҳои синну солӣ.

Маълумоти умумӣ доир ба системаи мушакҳо. Анатомияи умумии мушакҳои одам. Инкишофи мушакҳо. Топографияи дарунии косаи сар. Хусусиятҳои синну соли косаи сар. Анатомияи функсионалии мушакҳо фа фастсияҳои сару гардан. Топографияи гардан. Артросиндесмологияи умумӣ. Пайвастшавии мӯҳраҳо. Ҷамъбаст аз остеология. Пайвастшавии устухонои тана. Пайвастшавии қабурғаҳо бо устухони тӯш ва бо мӯҳраҳо. Қафаси синаи бутун. Апатомияи функсионалии мушакҳо ва фастсияҳои тана. Канали қадкашак. Пайвастшавии устухонҳои косаи сар. Пайвастшавии сутунмӯҳра бо косаи сар. Банди чаккаю чоғи поён. Пайвастшавиҳои устухонҳои китф, чанбари китф. Банди китф. Анатомияи функсионалии мушакҳо, фастсияҳо ва топографияи чанбари китф ва қисми озоди даст. Банди оринч. Пайвастшавии устухонҳои бозуи даст ва панчаи даст. Пайвастшавии устухонҳои чанбари кос. Коси бутун. Анатомияи функсионалии мушакҳо ва фастсияҳои чанбари кос ва андоми озоди поён. Банди косу рон. Банди зону. Пайвастшавии устухонҳои соқ ва панчаи по. Панчаи пой хамчун бутун. Мушакҳо ва фастсияҳои сар. Мушакҳо, фастсияҳо ва топографияи гардан Мушакҳо ва фастсияҳои тахтапушт ва қафаси сина. Диафрагма. Мушакҳо ва фастсияҳои шикам. Канали қадкашак. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи мушакҳо ва фастсияҳои чанбари китф, бозуии даст ва панчаи даст. Топографияи мушакҳо ва фастсияҳои чанбари китф, бозуии даст ва панчаи даст. Мушакҳо ва фастсияҳои чанбари кос вар он. Анатомияи мушакҳо ва фастсияҳои соқи пой ва панчаи пой. Топографияи мушакҳо, фастсияҳо чанбари кос ва қисми озоди пой. Ташрехи мушакҳо. Ҷамъбаст аз артросиндесмология ва миология. Санҷиш.

IV.Спланхнология. Маълумоти мухтасар доир ба узвҳои

дохилӣ. Сохт ва вазифаҳои системаи ҳозима. Маълумоти мухтасар доир ба системаи ҳозима. Анатомияи узвҳои ковокии даҳон. Забон ва ком. Анатомияи дандонҳо вағадудҳои оби даҳонбарор. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи функсионалии ғадудҳои системаи ҳозима. Ҷигар ва ғадуди зери меъда. Шикампарда. Анатомияи ҳалқ, сурхрӯда, меъда ва редаҳои борик ва ғафс. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи функсионалӣ, инкишоф ва нуқсонҳои модарзодии системаи нафаскашӣ. Анатомияи ҷигар, талхадон ва ғадуди зери меъда. Анатомияи функсионалӣ, инкишоф ва нуқсонҳои модарзодии узвҳои системаи шоша. Анатомияи сифоқ. Топография ва Хусусиятҳои синну солии он. Анатомияи функсионалии узвҳои таносули мардона. Анатомияи ковокии бинӣ, гулӯ ва хирной. Анатомияи бронхҳо, шушҳплеврaҳо ва миёндевор. Анатомияи функсионалии узвҳои таносули занона. Анатомияи гурдаҳо, найҳои шошагузар ва шошадон (масона).

V. Системаи марказии асаб. Анатомияи умумии инкишофи системаи асаб. Анатомияи функсионалии ҳароммағз. Анатомияи узвҳои таносули мардона. Анатомияи функсионалии мағзи ромбшакл, миёна ва мобайн. Анатомияи узаҳои таносули мардона ва занона. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи функсионалии мағзи ақсо. Роҳҳои ноқилии мағзи сару ҳароммағз. Чатан. Ҷамъбаст аз системаи спланхнология. Анатомияи функсионалии узвҳои ҳис. Дарси амалӣ:

VI. Эстезиология. Анатомия ҳараммағз ва пардаҳои он. Баромади 12 чуфти асабҳои мағзи сар аз мағзи сар ва аз косаҳони сар. Анатомияи функсионалии узвҳои сомеа, мувозинат ва шомма. Пӯст. Анатомияи мағзи дарозрӯя ва пулак. Мағзча, гардани мағзи ромбшакл. Меъдачаи-4. Чуқурчаи ромбшакл. Анатомияи функсионалии 12-чуфти асабҳои мағзи сар. Анатомияи мағзи миёна ва мобайн. Мағзи ақсо. Чинҳо ва чӯякҳои нимкурраи калони мағзи сар. Мағзи шомма. Сохти қишри мағзи сар. Анализаторҳо. Ядроҳои базалӣ. Меъдачаҳои паҳлӯй. Пардаҳои мағзи сар. Моддаи сафедмағзи сар. Роҳҳои ноқилии мағзи сару ҳараммағз. Анатомияи узвҳои босира. Аппарати ёрирасони босира. Роҳи ноқилии босира. Анатомияи гӯши беруна ва миёна. Анатомияи гӯши даруна. Роҳҳои ноқилии сомеа ва мувозинат. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи узвҳои шомма, зоиқа, роҳҳои ноқилии онҳо. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи чуфтҳои I, II, III, IV ва VI асабҳои мағзи сар. Анатомияи чуфтҳои V, VII ва VIII асабҳои мағзи сар. Анатомияи чуфтҳои IX, X, XI ва XII асабҳои мағзи сар. Маълумоти умумии доир аз ангиология. Ҷамъбаст аз системаи марказии асаб, узвҳои ҳис ва асабҳои мағзи сар.

VII.Ангиология. Маълумоти умумии доир азсистемаи ангиология. Сохт, инкишофи системаи рагҳо. Анатомияи функсионалии дил. Маълумоти умумии доир ба системаи

	рагхо. Анатомияи дил ва перикард. Хусусиятҳои синну солии онҳо. Анатомияи функсионалии артерияҳо ва венаҳои сару гардан. Аорта. Артерияи умумии хоб. Шохаҳои артерияи берунӣ ва дарунии хоб. Артерияи функсионалии артерияҳо ва венаҳои қафаси сина ва даст. Венаҳои сару гардан. Артерияҳои зери қулфак ва зери бағал. Анатомияи функсионалии асабҳои харроммағз. Анатомияи функсионалии асабҳои қафаси сина ва даст. Артерияҳои китф ва бозуи даст. Артерияҳои панчаи даст. Венаҳои чамбари китф ва қисми озоди даст. Анатомияи функсионалии артерияҳо ва венаҳои ковокии шикам ва коси хурд. Анатомияи асабҳои харроммағз. Бофти асабҳои гардан ва китф. Анатомияи функсионалии анастамозҳои кава-кавалӣ ва порто-кавалӣ. Анатомияи артерияҳо ва венаҳои қафаси сина. Анатомияи артерияҳои узвҳои ва девориҳои ковокии шикам. Анатомияи функсионалӣ ва топографияи артерияҳо, венаҳо ва асабҳои андоми поён (қисми озоди пой). Анатомияи венаҳои ковокии шикам. Артерияҳо ва венаҳои узвҳо ва девориҳои коси хурд. **VIII. Системаи асаби вегетативӣ.** Анатомияи функсионалии системаи вегетативии асаб-СВА. Анатомияи анастамозҳои кава-кавалӣ ва порто-кавалӣ. Гардиши хуни ҷанин. Анатомияи функсионалии қисмҳои парасимпатикӣ ва симпатикии системаи вегетативии асаб. Атрерияҳо ва венаҳои рон, соқи пой ва панчаи пой. Ҷамъбаст аз дарсҳои гузашта. Иннерватсияи вегетативии узвҳои дохилӣ. Венаҳои қисми озоди пой. Анастомозҳои артериявӣ ва варидии қисми озоди пой. **IX. Системаи лимфа.** Анатомияи функсионалии системаи лимфа. Бофти асабҳои камар, чорбанд ва думгоза. **X. Системаи ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ (эндокринӣ). XI. Системаи узвҳои хунофар ва масъунӣ (иммунӣ).** Анатомияи функсионалии ғадудҳои дохилӣ-эндокринӣ, узвҳои хунофар ва системаи иммунӣ. Системаи вегетативии асаб. Қисми парасимпатикии системаи вегетативии асаб. Қисми симпатикии системаи вегетативии асаб. Иннерватсияи вегетативии узвҳои дохилӣ. Анатомияи ғадудҳои дохилӣ-эндокринӣ. Анатомияи системаи лимфа. Маҷроҳои лимфавии синави ва маҷрои лимфавии рост. Анатомияи узвҳои хунофар ва иммунӣ. Ташреҳи рагҳо ва асабҳо. Ҷамъбаст аз мавзӯҳои гузашта.		
БФУ 02	**Гистология. Ситология** Фан ва масъалаҳои гистология. Усулҳои тадқиқотии гистологӣ. Мафҳум дар бораи ҳуҷайра. Қонунҳои умумии таъсири ҳуҷайрахо. Органоидҳо ва омезаҳои ҳуҷайра. Сохти микроскопӣ ва субмикроскопии ядро. Усулҳои таксимшавии ҳуҷайра. **Эмбриология.** Вазифаҳои эмбриология. Моҳият ва аҳамияти биологии равандҳои бордоршавӣ, резашавӣ, гаструлятсия ва тахсиснавии баргакҳои ҷанинии одам. **Гистологияи умумӣ. Бофтаи рӯйпӯшкунанда.** Қонунҳои умумии таъсири бофтахо. Бофта ҳамчун система. Инкишофи бофтахо. Назарияи	**6**	**144**

	эволютсионии бофтаҳо. Гомеостази бофтавӣ. Таҷдиди бофтаҳо. Ба вучуд омадан, тасниф ва хусусиятҳои сохти намудҳои гуногуни бофтаи рӯйпӯшкунанда. **Бофтаи рӯйпӯшкунандаи ғадудофар.** Тасниф. Сохт ва вазифаҳои ғадудҳои тарашуҳии берунӣ (экзокринӣ). **Хун ва лимфа.** Мезенхима ва ҳосилаҳои он. Хун ва лимфа, сохти унсурҳои мухталифшакл. **Хунофарӣ (гемоситопоэз).** Гемоситопоэзи ҷанинӣ (инкишофи хун ҳамчун бофта). Гемоситопоэзи баъди ҷанинӣ. Танзими хунофарӣ. **Бофтаҳои пайвасткунанда 1.** Бофтаи пайвасткунанадаи наҳдори ковок. Бофтаи пайвасткунанадаи наҳдори зич. Бофтаи пайвасткунандаи дорои хосиятҳои махсус. **Мафҳум дар бораи системаи макрофагӣ.** Робитаи мутақобила ва фаъолияти унсурҳое, ки ба системаи тавоноии муҳофизатии организм таалуқ доранд. **Бофтаҳои пайвасткунанда 2.** Бофтаҳои пайвасткунанадаи гурӯҳи такягоҳию-механикӣ ва таснифи онҳо. Бофтаи тағоякӣ, хусусиятҳои сохти гистологӣ ва вазифавӣ. Гистогенез. **Бофтаҳои пайвасткунанда 3.** Бофтаҳои пайвасткунанадаи гурӯҳи такягоҳию-механикӣ. Бофтаи устухонӣ, хусусиятҳои сохти гистологӣ ва вазифавӣ. Гистогенез. **Бофтаҳои мушакӣ.** Тасниф. Манбаҳои инкишоф. Бофтаҳои мушакии кӯндаланграх. Бофтаҳои мушакии скелетӣ ва дил. Бофтаҳои мушакии суфтаи мезенхимӣ, эпидермалӣ ва нейралӣ. **Бофтаи асаб 1.** Таркиби бофтавии бофтаи асаб ва гистогенези онҳо. Ҳуҷайраҳои асаб, таснифи онҳо. Сохти микро- ва субмикроскопии ҳуҷайраҳои асаб. Ҳуҷайраҳои ҳамсафар тасниф, инкишоф, вазифа ва сохти микроскопии онҳо. **Бофтаи асаб 2.** Сохт ва аҳамияти вазифавии наҳҳои асаби нармадор ва бенарма. Навъҳои нӯгҳои асаб ва синапсҳо. Тори асаби канорӣ, сохти он ва аҳамияти вазифавӣ. **Гистологияи ҷузъӣ. Системаи асаб 1.** Харроммағз, гирехи асаби харроммағз ва вегетативӣ, инкишоф, сохт ва аҳамияти вазифавии онҳо. Камонаки рефлекторӣ сода. **Системаи асаб 2.** Мағзи сар, шӯъбаҳои он, аҳамияти онҳо. Қишри нимкураҳои калони мағзи сар, сито- ва миелоархитектоника. Мағзча, модаи сафед ва хакистаранги он. **Узвҳои ҳис 1.** Тавсифи умумӣ ва тасниф. Системаи эҳсоскунандаи босира. Системаи эҳсоскунандаи шомма. Сохт ва аҳамияти вазифавӣ. **Узвҳои ҳис 2.** Системаи эҳсоскунандаи статоакустикӣ. Узви зоиқа. Узви сомеа ва мувозинат. Инкишоф, сохт, вазифа. Гӯши берунӣ, миёна ва дохилӣ. **Системаҳои эҳсоскунанда.** Тасниф, тавсифи умумии сохту вазифавӣ ва муқоисавӣ. **Имтиҳони фосилавӣ. Комёб. Системаи дилу рагҳо.** Тавсифи умумӣ, тасниф, инкишоф ва хусусиятҳои сохту вазифавӣ. Шараёнҳо, варидҳо, таснифи онҳо ва тавсифи сохту вазифавӣ. Рагҳои хунгарди хурдтарин. Сохти пардаҳои дил. **Узвҳои хунофар 1.** Тавсифи умумӣ, тасниф, инкишоф. Гурӯҳи марказии узвҳои хунофар. Сохти мағзи сурхи устухон ва ғадуди ҷоғар. **Узвҳои хунофар 2.** Гурӯҳи канории узвҳои хунофар, аҳамияти онҳо. Сохти испурч ва лимфагирехҳо. Таҷдид ва бо хун таъминкунӣ. Аҳамияти узвҳои хунофари канорӣ дар ба вучуд омадани		

	сироятнопазирӣ. **Системаи эндокринӣ 1.** Тавсифи умумӣ ва таснифи ғадудҳои тарашуҳии дохилӣ. Гурӯҳи марказии ғадудҳои тарашуҳии дохилӣ. Ядроҳои нейросекретории хипоталамус, аҳамияти вазифавии онҳо. Ҳипофиз, ғадуди санавбар, сохти ва вазифаи онҳо. **Системаи эндокринӣ 2.** Гурӯҳи атрофии ғадудҳои тарашуҳии дохилӣ. Ғадудҳои сипаршакл ва назди ғадуди сипаршакл, сохт ва аҳамияти он. Ғадуди болои гурда, сохти моддаи қишрӣ ва мағзӣ. Аҳамияти вазифавӣ. **Системаи ҳозима I.** Узвҳои системаи хозима, шӯъбаҳо ва нақшаи умумии сохти он. Шӯъбаи пеши системаи ҳозима. Забон, пистонакҳои забон, сохт ва аҳамияти вазифавӣ. Сохт ва аҳамияти бодомакҳо. Дандонҳо, сохти микроскопӣ ва субмикроскопии дентин, мино ва симон. Инкишофи дандон. Ҳалқ. Сурхрӯда. **Системаи ҳозима II.** Узвҳои қисми миёна. Меъда, сохти деворахои он. Ғадудҳои меъда. Рӯдаи борик ва ғафс. Ҷараёнҳои тачзия ва ҷаббиши модаҳо дар раванди ҳазми хӯрок. **Системаи ҳозима III.** Ғадудҳои системаи ҳозима, чойгиршавӣ ва инкишофи онҳо. Ғадудҳои калони луобҳосилкунандаи даҳон. Ҷигар ва ғадуди зери меъда, сохти микроскопӣ ва субмикроскопӣ ва аҳамияти вазифавии онҳо. Аҳамияти ғадудҳо дар раванди ҳазми хӯрок. **Хусусиятҳои морфофунксионалӣ, инкишоф ва алоқамандии узвҳои ҳунофар, системаҳои эндокринӣ, дилу рагҳо ва ҳозима. Пӯст ва ҳосилаҳои он.** Инкишоф, сохт ва вазифаҳои пӯст. Ғадудҳои пӯст. Мӯй, инкишоф ва сохт. Афзоиш ва ивазшавии мӯй. **Системаи нафаскашӣ.** Тавсифи умумӣ. Инкишоф, сохт ва аҳамияти роҳҳои ҳавогузар. Бронхҳо. Сохт ва аҳамияти шуш. Мафҳум дар боран атсинус. Садди байни хун ва ҳаво. Бо хун таъминшавии шушҳо. **Системаи таносул ва ихроҷ.** Тавсифи умумии системаи таносул ва ихроҷ, инкишофи гурдаҳо (инкишофи пешгурда, гурдаи ибтидоӣ ва доимӣ). Марҳилаи индифферентии инкишофи системаи таносул. **Системаи ихроҷ.** Гурда, сохти он. Нефрон, сохти микроскопӣ ва субмикроскопии қисмҳои гуногун. Бо хун таъминшавӣ. Роҳҳои шошабарор, сохт ва вазифаи онҳо. **Системаи таносули мардона.** Тавсифи умумӣ. Хусусиятҳои инкишофи ғадудҳои таносулӣ. Нутфадон, сохти онҳо. Сперматогенез. Сохт ва аҳамияти роҳҳои нутфабарор. Ғадуди олоти таносул, сохт ва аҳамияти он. **Системаи таносули занона-1.** Инкишоф ва сохти тухмдонҳо. Даври овариалӣ. Овогенез. Тағйиротҳои синусолии тухмдонҳо. **Системаи таносули занона-2.** Сохти тухмроҳаҳо ва бачадон. Даври ҳайзбинӣ, марҳилаҳои он. Сохти бачадон дар марҳилаҳои гуногуни даври ҳайзбинӣ. **Инкишофи ҷанинии одам 1.** Ҳуҷайраҳои ҷинсӣ, сохти онҳо. Марҳилаҳои инкишофи ҷанинӣ – бордоршавӣ, резашавӣ ва гаструлятсия. **Инкишофи ҷанинии одам 2.** Инкишофи бофтаҳо ва узвҳои ҷанин. Узвҳои ғайриҷанинӣ. Сохт ва аҳамияти ҳамроҳак.		
БФУ 03	**Эмбриология ва генетика** Биологияи ҳуҷайра ва генетикаи молекулярӣ. Нақши биология дар системаи таълимоти тиббӣ. Ҳуҷайра. Сохти ва	**3**	**72**

	вазифаҳои органеллаҳои дохили ҳуҷайра. Усулҳои омӯзиши ҳуҷайра. Нақши биология дар системаи таълимоти тиббӣ. Алоқаи биология бо фанҳои клиникӣ. Сохти молекуляри биомембранаҳои ҳуҷайра. Мубодилаи моддаҳо ва энергия дар ҳуҷайра. Сохт ва вазифаҳои органеллаҳои дохили ҳуҷайра. Усулҳои омӯзиши ҳуҷайра. Асбобҳои оптикӣ (калон нишондиҳанда). Даври хаётии ҳуҷайра. Танзими даври ҳаётии ҳуҷайра. Шаклҳои тақсимоти ҳуҷайра. Митоз. Эндомитоз. Амитоз. Мейоз. Асосҳои ситогенетика. Сохти молекулярии биомембранаҳои ҳуҷайра. Мубодилаи моддаҳо дар ҳуҷайра. Сохтори кислотаҳои нуклеинӣ ва нақши онҳо дар интиқоли ахбори ирсӣ. Биологияи ҳуҷайра. Ҷараёни энергия дар ҳуҷайра. Биология ва генетикаи ҷинс. Асосҳои генетикаи одам. Усулҳои омӯзиши ирсияти одам. Даври ҳаётии ҳуҷайра. Танзими даври ҳаётии ҳуҷайра. Шаклҳои тақсимоти ҳуҷайра. Митоз. Мейоз. Фан ва проблемаҳои генетикаи тиб. Вазифаи МТГ. Асосҳои ситогенетика. Сохтори кислотаҳои нуклеинӣ ва нақши онҳо дар интиқоли ахбори ирсӣ. Иеботи КДН дар интиқоли ахбори ирсӣ (трансформатсия, трансдуксия ва конюгатсия). Инженерияи генӣ. Имтиҳони ҷорӣ аз боби биологияи ҳуҷайра ва генетикаи молекулярӣ. Генетикаи умумӣ ва тиббӣ. Қонуниятҳои ба меросгузорӣ. Таъсири тарафайни генҳо. Ирсияти генҳои ҳампайваст. Қонуниятхои асосии тағйирпазирӣ. Биология ва генетикаи ҷинс. Асосҳои генетикаи одам. Усулҳои омӯзиши ирсияти одам. Усули генеалогӣ, дугоникӣ ва ситогенетикӣ. Асосҳои генетикаи одам. Усулҳои омӯзиши ирсияти одам. Усули статистикӣ-популятсионӣ, биохимиявӣ ва ҳуҷайраҳои соматикӣ. Клиника ва генетикаи баъзе бемориҳои генӣ ва хромосмии одам. Дерматоглифика ва аҳамияти он дар тиб. Машваратҳои тиббӣ-генетикӣ. Имтиҳони ҷорӣ аз боби генетика. Генетикаи инкишофи проэмбриоланӣ. Генетикаи инкишофи проэмбриоланӣ. Генетикаи инкишофи проэмбриоланӣ. Афзоиши организмхо. Гаметогенез. Генетикаи инкишофи ҷанинии организмхо. Генетикаи инкишофи ҷанинии организмхо. Генетикаи инкишофи баъд аз ҷанинии организмхо. Гомеостаз ва хронобиология. Таҷдид ва кучаткунии узвҳо ва бофтаҳо. Гомеостаз ва хронобиология.		
БФУ 04	**Физиологияи нормалӣ** Фанни физиологияи нормалӣ ва алоқаи он бо дигар фанҳои тиббӣ. Ангезандаҳо. Мутаасиршавандагии бофта ва ченаки он. Қонунҳои ангезиши бофтаҳои қобили ҳаячон. Биопотенсиалҳо, намудҳои он. ПОМ, механизми пайдоиши он. Биопотенсиалҳо, намудҳои он. ПФМ, механизми пайдоиши он. Хосияти физиологии мушакҳо. Хосияти изиологии асаб. Механизми гузариши ҳаяҷон дар асаб. Системаи асаби автономӣ, шуъбаҳои он. Махсусияти гузариши ҳаячон дар СМА. Боздорӣ дар СМА. Принсипҳои фаъолияти координатсионии СМА. Танзими асабии	**8**	**192**

	вазифаҳои физиологӣ. Танзими гуморалии вазифаҳои физиологӣ. Системаи функсионалии организм. Усулҳои тадқиқи СДР. Электрокардиограмма. Хосияти мушакҳои дил. Маълумоти муосир оиди мабдаъ, табиат ва градиенти худкорӣ. Экстрасистола, намудҳои он. Блоки дил ва давраҳои он. Тавсифи вазифаҳои гемодинамикии дил. Сохтори фазаҳои даври дил. Танзими кори дил: механизмҳои интракардиалӣ ва экстракардиалӣ. Махсусияти сохти системаи рагӣ ва таъсир ба функсияи онҳо. Қонуни Гагена-Пуазейл дар Гемодинамика. Фишори артериявӣ ва омилҳое, ки ба бузургии он таъсир мерасонанд. Танзими гардиши хун. Маркази рагҳаракатдиҳандаи мағзи дарозрӯя. Рефлексҳои прессорӣ ва депрессорӣ. СФО, ки доимияти ФА-ро таъмин мекунад. Мафҳум дар бораи системаи хун, вазифаҳои хун, константаҳои асосии хун. Танзими рН хун. Таснифи ҳуҷайраҳои шаклдори хун: эритроситҳо, лейкоситҳо, тромбоситҳо. Гемоглобин, намуд ва пайвастагиҳои он. Махсусияти формулаи лейкоситарӣ дар онтогенез. Мафҳум дар бораи гемостаз: рагию-тромбоситарӣ ва коагулятсионӣ. Гурӯҳҳои хун. Резус-омил. Шароитҳои конфликтӣ аз рӯи резус-омил байни модар ва ҷанин. Нафаскашӣ ва ҷузъиётҳои асосии он. Намудҳои нафаскашӣ, тағйирёбӣ дар онтогенез. Нишондиҳандаҳои тозашавӣ. Фишори дохили плевралӣ. Газҳои хун. Нақли оксиген ва гази карбон бо воситаи хун. Каҷхаттаи диссотсиатсияи оксигемоглобин. Индекси P_{50}. Танзими нафаскашӣ, сатҳҳои он. Маркази нафаскашӣ, сохти он, ҷойгиршавӣ, алоқаи афферентӣ ва эфферентӣ. СФО, нигоҳдорандаи оптималии таркиби газҳои хун Ҳозима, вазифаҳои найи ҳозима. Усулҳои тадқиқ дар таҷриба. Ҳозима дар ковокии даҳон ва меъда. Ҳозима дар рӯдаи 12 ангушта. Фаъолияти берунисекретории ғадуди зери меъда. Вазифаи ҷигар дар ҳозима. Ҳозима дар рӯдаи ғафс. Аҳамияти микрофлораҳо. Вазифаи ҳаракатии найи ҳозима. Намуд ва механизмичаббиши моддаҳо. Ҷаббиш дар шӯъбаҳои гуногуни найи ҳозима. Вазифаҳои ҷигар. Сабабияти ғизой. Асоси физиологии гурустнагӣ ва серӣ. Мубодилаи модда ва нерӯъ. Нерӯи озод ва пайваста. Калориметрияи рост ва ғайри рост. Системаи функсионалие, ки доимияти ҳарорати баданро нигоҳ медорад. Узвҳои ихроҷ (гурда, шуш, пӯст, найи ҳозима ва ғадудҳои сина) иштироки онҳо дар нигоҳ доштани гомеостазимуҳити дохила. Механизми полоиш ва ҷаббиш. Танзими фаъолиятигурда. Саволҳои умумии физиологияи системаи эндокринӣ. Таснифи физиологии гормонҳо. Механизми таъсири гормонҳо. Вазифаи эндокринии ғадудҳои сипаршакл, наздисипаршакл, ҷоғар ва зери меъда. Гормонҳои ғадуди болои гурда. Ғадудҳои ҷинсӣ. Гормонҳои ҷинсии занона ва мардона. Вазифаи эндокринии ҳамроҳак. Давраҳои ҳайзи занона. Физиологияи хусусии СМА. Вазифаҳои ҳароммағз ва мағзи дарозрӯя: гузаронандагӣ ва		

	рефлекторӣ. Вазифаи мағзи миёна (таснифи рефлексҳои тоникӣ аз рӯи Магнус), мағзча, форматсияи ретикулярӣ ва гипоталамус. Таълими И.П. Павлов дар бораи анализаторҳо. Таснифи анализатори биной. Механизми физиологии аккомодатсия, намудҳои вайроншавӣ ва сабаби он. Таснифи анализаторҳои шунавой ва мувозинатӣ. Назарияи кабули садоҳои зуддияшон гуногун. Аҳамияти биологии дард. Маълумоти муосир дар бораи системаи носисептивӣ ва антиносисептивӣ. Принсипҳои таснифи моддаҳои бедардкунанда. Ҷараёнҳое, ки дар НКМС ба амал меоянд, хосияти онҳо. Типҳои ФОА аз рӯи И.П. Павлов ва Айзенк. Таносуби намудҳои ФОА бо темперамент аз рӯи Гиппократ. Рефлексҳои шартӣ: тасниф, фарқият аз рефлексҳои ғайришартӣ, механизми хосилшавӣ. Мафҳум дар бораи санитарии динамикӣ. Бозтории ФОА: ғайришартӣ (беруна) ва шартӣ (дохила). Намудҳои бозтории шартӣ, механизми пайдоиши онҳо. Асосҳои физиологии хоб, гипноз ва хоббинӣ. Намудҳои хоб, аҳамияти онҳо. Эҳсосот. Роли эҳсосоти мусбат ва манфӣ. Сабабияти биологӣ, назарияи пайдоиши он. Нашъаманди, ҳамчун як намуди сабабияти патологӣ, механизмҳо. Аҳамияти минтақаи огоз ва анҷом, ретсепторҳои оптатӣ. Мутобиқшавии организм ба омилҳои гуногун, механизм ва фазаҳои он. Ташаннӯҷ ва даврахои он. Системаи ташаннӯҷи ба амал ованда ва ташаннӯҷи ба меъёр дарованда. Қобилияти кори фикрӣ ва ҷисмонӣ. Захираҳои функсионалии организм, сатҳи саломатӣ, таснифи, усулҳои муайян намудан.		
БФУ 05	**Кимиёи биологӣ** Мундаричаи химияи биологӣ. Биохимия ва тиб. Сохт ва вазифаи сафедаҳо. Структураи сафедаҳо. Навъи бандҳои химиявӣ. Усулҳои ҷудокунӣ ва тозакунии сафеда. Таснифи сафедаҳои мураккаб. Нуклеопротеидҳо, сохт, структура ва вазифаи биологӣ. Хромопротеидҳо, фосфопротеидҳо. Сохт ва структураи гемоглобин НвА. Гемоглобинопатия. Талассемия. Маҷмӯи карбогидрат-сафедавӣ. Сохти мембранаи ҳуҷайра. Ферментҳо. Хосияти умумӣ, Холо, мульти, изоферментҳо. Механизми катализи ферментативӣ. Кинетикаи реаксияҳои ферментативӣ, танзими фаъолнокии ферментҳо. Энзимопатияҳо. Витаминҳо. Таснif. Сохт. Витаминҳо ҳамчун коферментҳо. Химияи ҳормонҳо. Таснif, сохт, таъсири онҳо ба мубодилаи моддаҳо. Простогландинҳо. Механизми амалиёти ҳормонҳо. Мембранавӣ, мембранию-дохилиҳуҷайравӣ, ситозолӣ. Оксидшавии биологӣ. Ферментҳои занҷири нафаскашӣ. Ситохромҳо. Сохти митохондрия. Фосфоронии оксидонанда. Ҳосилшавии АТФ. Карбогидратҳо, сохт, роли онҳо. Мубодилаи карбогидратҳо. Метаболизми глюкозо-6-фосфатдегидрогеназа. таҷзияи анаэробӣ. Оксидшавии аэробӣ. Декарбоксилонии оксидонанда, сикли Кребс. Оксидшавии мустақими глюкоза. Глюконеогенез. Сикли	**8**	**192**

	уридинӣ. Қанди хун. Танзими мубодилаи карбогидратҳо. Мубодилаи липидҳо, чарбҳои хӯрок. Ҳазмшавии чарбҳо дар системаи ҳозима. Роли кислотаҳои талхагӣ шаклҳои нақлиётии чарбҳо. Мубодилаи ТАГ. В-оксидшавии КОЧ ҳисоботи энергияи тачзияшавии чарбҳои нейтралӣ. Синтези КОЧ. Мубодилаи фосфолипидҳо. Мубодилаи холестерин. Метаболизми асетил-КоА. Атеросклероз, бемории санги талха, кетозҳо. Мубодилаи сафедаҳои содда. Манбаи хӯрокии сафедаҳо. Ҳазмшавӣ. Таркиби химиявии шираи меъда (туршнокии умумӣ, озод ва васлшуда). Аҳамияти ташхисии таҳлили шираи меъда. «Пӯсиши» сафедаҳо. Тақдири аминокислотаҳои ҷабидашуда. Мубодилаи мобайнии аминокислотаҳо. Реаксияҳои дезаминиронӣ, трансаминиронӣ, декарбоксилиронӣ. Роли аминҳои биогенӣ. Аҳамияти ташхисии муайянкунии трансаминазаҳо. Маҳсулоти охирини мубодилаи аминокислотаҳо. Безараргардонии аммиак дар организм. Хосиятҳои хоси мубодилаи аминокислотаҳои алоҳида мубодилаи креатин. Мубодилаи сафедаҳои мураккаб Мубодилаи нуклеопротеидҳо. Тачзия ва синтези асосҳои пуринӣ ва пиримидинӣ. Синтези КДН, КРН. Осебӣбии мубодилаи пуринӣ. Подагра. Биосинтези сафедаҳо, марҳилаҳои асосии он. Танзими генетикии синтези сафедаҳо. Мубодилаи ХП. Синтез ва тачзияи гем. Билирубини мустақим ва ғайримустақим. Навъҳои зарпарвин ва дифференсасияҳои он. Биохимияи ҷигар. Таркиби химиявӣ ва вазифаи ҷигар дар мубодилаи моддаҳо. Функсияи безараргардонии ҷигар. Усули таҳшинкунӣ. Биохимияи бофтаи мушакҳо. Таркиби химиявӣ, структураи мушакҳои суфта ва кӯндаланграх. Кашишхӯрии мушакҳо, роли АТФ ва креатин – Р. Патологияи бофтаҳои мушак. Биохимияи бофтаҳои асаб. Таркиби химиявӣ ва мубодилаи моддаҳо. Медиаторҳо. Функсияҳои бофтаи асаб. Механизми хотир. Биохимияи ғадуди ширҳосилкунанда. Механизми ҳосилшавии шир. Таркиби химиявии шири зан ва шири гов. Биохимияи хун. Таркиби химиявии хун. Нишондиҳандаҳои хун. Функсияи нафаскашии хун. Системаҳои буферии хун ва роли онҳо дар нигаҳдории мувозинати ишқорӣ кислотагӣ. Асидоз ва алкалоз. Биохимияи гурдаҳо. Механизми ҳосилшавии пешоб. Таркиби химиявии пешоб дар меъёр ва патология. Танзими мубодилаи моддаҳо (аутомизми ҳуҷайравӣ). Танзими ҳормоналӣ ва аллостерӣ. Ташхиси бемориҳои гурда.		
БФУ 06	**Микробиология ва вирусология** Таърихи инкишофи микробиология, вирусология ва иммунология. Тасниф ва морфологияи микроорганизмҳо. Сохти ҳуҷайраи микроб. Сохти ҳуҷайраи спирохетаҳо, риккетсияҳо, хламидияҳо, уреоплазмаҳо ва микоплазмаҳо. Морфология ва сохти замбурӯғҳо, соддатаринҳо. Прионҳо. Вирусологияи умуми. Тасниф, сохт ва хусусияти биологии вирусҳо. Физиологияи микроорганизмҳо. Ғизогирии бактерияҳо. Муҳитҳои ғизоӣ. Нафаскашии бактерияҳо.	**6**	**144**

	Инкишоф ва афзоиши бактерияҳо. Даврахои афзоиши батерияҳо. Усулҳои кишткунии анаэробҳо ва аэробҳо. Микроаэрофилҳо. Экологияи микроорганизмҳо. Микрофлораи мухити атроф ва вучуди инсон. Хусусиятҳои микрофлораи вучуди инсон вобаста аз синну сол. Микроорганизмҳои санитарию-нишондиҳандаги. Коли – титр ва коли – индекс. Таъсири омилҳои физикавӣ, химиявӣ, биологӣ ба микроорганизмҳо. Антибиотикҳо ва дорухои химиотерапевтӣ. Усулҳои муайян намудани ҳиснокии микробҳо ба антибиотикҳо. Уфунат (инфексия). Намудҳои уфунат. Сироятнокӣ ва сироятпазирӣ. Омилҳои сироятнок ва сироятпазирии микроорганизмҳо. Масъуният (иммунитет). Омилҳои ғайрихусусӣ ва хусусии иммунитет. Омилҳои ғайрихусусии мухофизавии вучуди инсон. Хусусияти Масъуният вобаста аз синну сол. Масъуният. Намудҳои Масъуният. Подтан (антиген). Намудҳои он. Подзо (антитела). Хусусиятҳои асосии онҳо. Масъунияти гуморалӣ. Иммуноглобулинҳо. Аҳамияти подзоҳо дар реаксияи иммунии организм. Пайвастагиҳои иммунии замонавӣ. Аллергия (баландҳассоси). Баландҳассосии тез ва суст вусъатёбанда. Толерантнокии иммунологӣ. Таъсири ҷараёни илмию-техникӣ ба вучуди инсон. Ҳолати системаи иммунӣ ва усулҳои баҳо додани он. Норасогии Масъуният. Беморихои аутоиммунӣ. Асосҳои иммунотерапия ва иммунопрофилактика. Ваксина ва зардобаҳо. Микробиологияи уфунатхои шаддиди рудавӣ: эшерихиозхо, салмонеллёзхо, шигеллёзҳо. Микробиологияи арангезандагони бемории вабо, кампилобактериозхо, иерсиниозхо. Микробиологияи барангезандагони уфунатхои фасодию илтихобӣ. Коккҳои сироятовар. Микробиологияи коринобактерияхо ва бордетеллхо. Микробиология микобактерияхои касалиовар ва шартан-касалиовар. Анаэробхои касалиовар ва шартан касалиовар. Микробиологияи барангезандагони уфунатхои зооантропонозӣ. Спирохетхои касалиовар: трепонемахо, боррелияхо, лептоспирахо. Вируси зуком, паргрипп, паротит, сурхча, хора. Энтеровирусхо. Вируси фалач (полиомиелит), коксаки, ECHO, Гепатитҳои А ва Е. Вируси зарпарвини В, С, D. Уфунатхои вирусии сустинкишофёбанда. Онковирусхо. СПИД. Беморихои аутоиммунӣ.		
БФУ 07	**Иммунологияи умумӣ** Моҳияти иммунология. Маълумот дар бораи мафҳуми иммунитет (масъуният). Мундарича ва вазифахои иммунология. Таърихи инкишофи иммунология. Моҳияти фанни иммунология. Маълумот дар бораи мавҳуми Масъуният (иммунитет). Мундарича ва вазифахои иммунология. Таърихи инкишофи иммунология. Системаи иммунии вучуди инсон. Таснифи иммунитет. Масъуният (иммунитет)-и модарзодӣ ва дуюмдарача. Системаи иммунии вучуди инсон. Таснифи Масъуният (иммунитет). Масъунияти модарзодӣ ва дуюмдарача. Аксуламали	**3**	**72**

	ҷавобии иммунии вуҷуди инсон. Узвҳо ва бофтаҳои системаи иммунӣ. Ҳуҷайраҳои иммунокомпетентӣ. Ҷараёни аксуламали системаи иммунӣ. Аксуламали ҷавобии системаи иммунӣ. Узв ва бофтаҳои системаи иммунӣ. Ҳуҷайраҳои иммунокомпетентӣ. Ҷараёнгирии ин намуди Масъунияти ғайрихусусӣ. Аксуламали ҷавобии системаи иммунӣ. Омилҳои ғайрихусусии муҳофизавии вуҷуди инсон. Ҷараёнгирӣ ва моҳияти омилҳои ғайрихусусии муҳофизавии иммунӣ. Аксуламали ҷавобии системаи иммунӣ. Масъуният (иммунитети) хоса. Аксуламали ҷавобии системаи иммунӣ. Омилҳои хусусии муҳофизавии системаи иммунӣ. Антигенҳо. Маълумот дар бораи антиген. Тавсифи хусусият таснифи антигенҳо. Антигенҳо. Тавсифи хусусияти антиген. Антителаҳо ва хусусияти он. Тавсиф ва таснифи антителаҳо. Антителаҳои пурра ва нопурра. Антителаҳо. Тавсифи хусусияти антитела. Хотироти иммунологӣ ва толерантнокии иммунологӣ. Намудҳои толерантнокии иммунологӣ. Толирантнокии иммунологӣ. Иммунопатология-норасогиҳо ва нуқсонҳои системаи иммунӣ. Бемориҳои аутоиммунӣ. Норасогиҳои модарзодии системаи иммунӣ. Иммунопатология-нуқсонҳои системаи иммунӣ. Норасогиҳои модарзодии системаи иммунӣ. Норасогиҳои дуюминдараҷа. Норасогиҳои дуюминдараҷаи системаи иммунӣ. Бемории ВНМО (СПИД). Ҷараёнгирии бемории ВНМО. Баландҳассосӣ (аллергия). Намудҳои баландҳассосӣ. Аллергия (баландҳассосӣ). Ҷараёнгирии баландҳассосӣ. Баландҳассосии тез ва суст вусъатёбанда. Ваксинаҳо. Намудҳо ва тавифи хусусияти онҳо. Анафилаксия ва бемории зардобавӣ. Зардобаҳои иммунӣ. Намудҳо ва тавсифи хусусияти онҳо. Ваксинаҳо. Намудҳо, таснифи ва хусусияти ваксинаҳо. Иммуногенетика ва маҷмӯи HLA-и вуҷуди инсон. Зардобаҳои иммунӣ. Усулҳои ба даст овардани зардобаҳои зиддизаҳрӣ ва зиддибактериявӣ ва тавсифи хусусияти онҳо. Усулҳои иммунологӣ ва серологии ташхиси бемориҳои сироятӣ. Ситокинҳо ва аксуламали ҷавобии системаи иммунӣ ҳангоми бемориҳои сироятӣ. Ҳолати системаи иммунӣ ва усулҳои баҳо додани фаъолияти он. Иммуногенетика ва маҷмӯи асосии мувофиқатии бофтагии вуҷуди инсон. Маҷмӯи HLA – вуҷуди инсон. Маҷмӯи HLA – вуҷуди инсон ва бемориҳои сироятӣ. Маҷмӯи HLA вуҷуди инсон ва бемориҳои ғайрисироятӣ. Усулҳои иммунологӣ ва серологии ташхиси бемориҳои сироятӣ.		
БФУ 08	**Бехдошти умумӣ** Мавқеъ ва аҳамияти бехдошт дар илмҳои тиб. Моҳият ва самтҳои тибби пешгиркунанда дар даврaҳои мухталифи инкишофи ҷомеа. Экология ва экологияи одам. Омилҳои муҳити атроф ва саломатии инсон. Бехдошти муҳити ҳаво. Аҳамияти бехдоштии хусусиятҳои иқлим ва ҳаво. Мафҳум дар бораи микроиқлим. Таъсири фишори атмосферии баланд ва паст ба организми инсон. Шароитҳои иқлимӣ ва саломатии инсон.Ҷанбаҳои бехдоштии аклиматизатсия.	**5**	**120**

	Радиатсияи офтоб ва аҳамияти бехдоштии он. Истифодаи радиатсияи офтоб ва манбаҳои сунъии радиатсияи ултрабунафш бо мақсади пешгирии бемориҳо. Ҳолатҳои фавқулода ва садамаҳо. Таъсири онҳо ба муҳити атроф ва саломатии аҳолӣ. Об ҳамчун омили саломатии аҳолӣ, талаботҳои бехдоштӣ ба обӣ ошомиданӣ. Бехдошти обтаъминкунии маҳалаҳои аҳолинишин. Усулҳои тозакунӣ ва безараргардонии об. Моҳияти бехдоштии обтаъминкунӣ. Асосҳои ташкили назорати санитарӣ-бехдоштии бо об таъминкунии қӯшунҳо дар замони осоишта ва ҷанг. Ғизо ва саломатии инсон. Масъалаҳои муосири ғизои оқилона. Бемориҳои аз ғизо вобаста ва пешгирии онҳо Асосҳои ташкил намудани ғизои аскарон дар замони осоишта ва ҷанг. Витаминҳо моддаҳои минералӣ, микроэлементҳо; аҳамият, меъёрҳо ва манбаъҳо. Сифат ва бехатарии маводҳои хӯрокворӣ. Захролудшавии озуқаворӣ ва пешгирии он. Талаботхои бехдоштии банакшагирӣ ва тартиботи блоки хӯроктайёркунии беморхона. Хок. Муҳофизати санитарии хок. Аҳамияти бехдоштӣ, хусусият ва таркиби хок. Ҷанбаҳои санитарию-бехдоштии тозакунии ҷойҳои аҳолинишин. Бехдошти шахсӣ ва тарзи ҳаёти солим. Масъалахои актуалии бехдошти радиатсионӣ. Талаботҳои бехдоштӣ ба ташкил кардани муҳофизати радиатсионӣ дар шуъбаҳои рентгенологӣ ва радиологӣ дар муассисаҳои табобатию-пешгирикунанда. Шароити зист дар шаҳрҳои калон ва нуқтаҳои аҳолинишини деҳоти ҳозиразамон. Урбанизатсия, ҳамчун масъалаи ҳалталаби бехдоштӣ. Масъалаҳои ҳозиразамони сохти беморхонаҳо. Аҳамияти чорабиниҳои бехдоштӣ барои фарохам овардани шароити хуби зисти маризон дар табобатхонаҳо. Масъалаҳои халталаби бехдошти кӯдакон ва наврасон. Таъсири омилҳои экологӣ, иҷтимоию-бехдоштӣ ва дохилимактабӣ ба саломатии кӯдакон ва наврасон. Нишондодҳои фардии саломатӣ ва солимии коллективи кӯдакон. Гурӯҳи саломатӣ. Бехдошти муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ. Реҷаи рӯз. Бехдошти муассисаҳои кӯдаконаи мактабӣ. Реҷаи рӯз. Бехдошти меҳнат ва муҳофизати саломатии коргарон. Баҳои бехдоштии омилҳои муҳити истеҳсолӣ ва ҷараёни меҳнат. Таснифи ва меъёрҳои шароити меҳнат. Бемориҳои касбӣ ва пешгирии онҳо. Омилҳои зарарноки истеҳсолӣ. Ҷанги истеҳсолӣ. Бемориҳое, ки аз ҷанги истеҳсолӣ вобастагӣ доранд. Захрҳои истеҳсолӣ. Роҳҳои воридшавии захрҳо ба организм. Таъсири зарарнокӣ ва пешгирии онҳо. Назорати санитарию-бехдоштӣ аз рӯи шароити меҳнати коргарони соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ. Асосҳои ташкил намудани назорати санитарию-бехдоштии ҷобаҷогузории аскарон дар замони осоишта ва ҷанг. Баҳои санитарӣ-бехдоштии иншоотҳои мудофиавӣ. Ташкили назорати санитарӣ-бехдоштии шароити меҳнат дар қӯшунҳои махсус. Баҳои бехдоштии микроиқлими манзилҳо (муайян кардани ҳарорат ва фишори атмосферӣ). Баҳои бехдоштии микроиқлими манзилҳо (муайян кардани		

	намнокӣ ва суръати ҳаракати ҳаво). Таркиби кимиёвии ҳаво, муайян кардани CO_2 дар таркиби ҳавои хонаҳо. Баҳои бехдоштии ҳавотозакунии сунъӣ ва табиии манзилҳои истиқоматӣ, ҷамъиятӣ ва муассисаҳои табобатӣ. Куби ҳавоӣ. Баҳои беҳдоштии равшаннокии табиӣ дар хонаҳои истиқоматӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва беморхонаҳо. Баҳои бехдоштии равшаннокии сунъӣ дар хонаҳои истиқоматӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва беморхонаҳо. Беҳдошти об ва обтаъминкунӣ. Баҳои сифати об аз рӯи нишондодҳои органолептикӣ, физикавӣ, кимиёвӣ ва бактериологӣ. Усулҳои бехтар намудани сифати об. Тозакунии об. Безараркунии об. Ташкили назорати санитарию беҳдоштии бо об таъминкунии қушунҳо дар замони осоишта ва ҷанг. Бехдошти ғизо. Асосҳои ғизои оқилона. Ҳисоби сарфи энергия. Заҳролудшавии озуқаворӣ ва тарзи пешгирии он. Ташкили назорати санитарию беҳдоштии ғизои аскарон дар замони осоишта ва ҷанг. Тартиб додани «номгӯи таъоми тайёр» Экспертизаи санитарию бехдоштии маҳсулотҳои хӯрокворӣ: орд, нон. Экспертизаи санитарию беҳдоштии маҳсулотҳои хӯрокворӣ: шир ва гӯшт. Консервакунии маҳсулотҳои хӯрокворӣ. Баҳо додан ба консерва ва консентратҳо. Витаминҳо ва аҳамияти онхо дар ғизои аҳолӣ. Муайян кардани витамини «С» дар маҳсулотҳои хӯрокворӣ. Тарзи ҳаёти солим. Беҳдошти шахсӣ. Ба нақшагирӣ ва сохти ҷойҳои аҳолинишин аҳамияти беҳдоштии он. Беҳдошти муассисаҳои табобативу-пешгирикунанда. Баҳои беҳдоштии нақшаи муассисаҳои табобатӣ. Тафтиши санитарии беморхонаҳо. Инкишофи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Усулҳои тадқиқотӣ ва баҳодиҳӣ ба инкишофи ҷисмонӣ. Баҳои комплексии инкишофи ҷисмонӣ, муайян кардани гурӯҳи саломатӣ ва гурӯҳи тарбияи ҷисмонӣ. Экспертизаи санитарии нақшаи муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ. Экспертизаи санитарии нақшаи мактаб. Беҳдошт ва физиологияи меҳнат. Омилҳои зарарноки истеҳсолӣ. Омилҳои ҷараёни меҳнат. Микроиқлим, гавго, лапиш, омили кимиёвӣ ва дигар омилҳои зарарнок. Чанги истеҳсолӣ. Бемориҳое, ки аз таъсири чанги истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд. Намудҳои ҷобаҷогузории аскарон. Баҳои санитарию беҳдоштии иншоотҳои мудофиавӣ. Ташкили назорати санитарию беҳдоштии шароити меҳнат дар қушунҳои махсус.		
БФУ 09	**Беҳдошти иҷтимоӣ** Ташкили экспертизаи тиббӣ-меҳнатӣ. Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолӣ. Маҷмӯи оморӣ ва хосиятҳои гурӯҳнокии он. Бузургиҳои нисбӣ ва тасвири графики он. Қатори вариатсионӣ. Бузургиҳои миёна. Қатори динамикӣ ва нишондиҳандаҳои он. Усули стандартигардонӣ. Демография. Нишондиҳандаҳои демографӣ ва усулҳои ҳисобкунии он. Беморнокии аҳолӣ. Усулҳои ҳисобкунии он. Бемориҳои аҳамияти ичтимоидошта. Беморнокии ковокии даҳон ва усули омӯзиши он. Иқтисодиёти нигаҳдории тандурустӣ. Маблағгузорӣ дар соҳаи нигаҳдории	**6**	**144**

	тандурустӣ. Ташкили экспертизаи тиббӣ-меҳнатӣ (КТМ, КЭТМ). Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии шаҳр. Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии деҳот. Ташкили ёрии стоматологӣ ба аҳолӣ. Ташкили хизмати тиббӣ ба коргарони корхонаи саноатӣ. Таҳлили беморнокӣ аз рӯи корношоямии муваққатӣ. Ташкили хизмати санитарии-эпидемиологӣ ба аҳолӣ.		
III.	**ФАНҲОИ ИНТИХОБӢ**	**29**	**696**
БФУ 01	**Физиологияи патологӣ** Мукаддима. Фан ва вазифаҳои физиологияи патологӣ. Нозологияи умумӣ. Этиология ва патогенези умумӣ. Таъсири омилҳои зараровари муҳити атроф. Таъсири патогении фишори паст ва баланди атмосферӣ. Реактивнокии организм ва аҳамияти он дар патология. Аллергия. Аутоаллергия. Таснифи экзоаллергенҳо ва экзоаллергенҳо. Таснифи аксуламалҳои ҳасосӣ аз рӯи пайдоиш. Даврахои патогенези аксуламалҳои аллергӣ. Тарзҳои пешгирӣ ва муолиҷаи аллергия. Бемориҳои аутоиммунӣ. Бемориҳои худмасункунӣ (аутоиммунӣ). Ҷавоби марҳилаи шадид. Варача. Вайроншавии хунгардиши ноҳиявӣ ва микросиркулятсия. Пурхунии шараёнӣ ва варидӣ. Ишемия. Физиологияи патологии мубодилаи обу намак. Варам ва истисқо. Варам. Намудҳо, тарзи инкишофи варамҳои гуногун. Этиология ва патогенези газакгирӣ. Аксуламали рагҳо - тағйирёбии гардиши хун ва ҷараёни мухоҷироти лейкоситҳо ҳангоми инкишофи газаки шадид. Даврахои инкишофи ҳуҷайрахӯрӣ (фагоситоз) ва инчунин хусусиятҳои мубодилаи моддаҳо ва дигаргуниҳои физикию кимиёӣ дар манбаи газак. Физиологияи патологии дастгоҳи нафаскашӣ. Саволхои этиология, тарзи инкишоф, зуҳуротҳои хоси намудҳои носомонии нафаскашии берунӣ. Норасоии нафаскашӣ, сабабҳо. Тарзи инкишофи норасоии нафаскашӣ: Физиологияи патологяи нафаси дохилӣ. Сабабҳо, зуҳуротҳо, тарзи инкишоф, тағйирёбии таркиби газӣ ва pH-и хун дар намудхои гуногуни гипоксияҳо,ҷараёнхои мутобиқшавӣ. Гипоксия. Физиологияи патологии дастгоҳи хун. Физиологияи патологии хуни умумӣ, этиология, тарзи инкишоф, зуҳуротҳо, оқибатҳо, аҳамияти клиникӣ, вайроншавии ҳаҷм ва мутаносибии плазма ва ҳуҷайраҳои хун дар патолоигия; аксуламалҳои муҳофизӣ – мутобиқшавии организм ҳангоми талафи хун. Ҳиповолемия. Патологияи хуни сурх. Камхуниҳо. Лейкозҳо. Физиологияи патологии хунгардиш. Физиологияи патологии хунгардиш. Физиологияи патологии хунгардиши ноҳиявӣ. Суддат (тромбоз). Сидод (эмболия). Физиологияи	**7**	**168**

	патологии норасогии дилӣ. Норасогии хунгардиш, намудҳои он; норасогии хунгардиш ҳангоми носомониҳои вазифаҳои дил ва вайроншавиҳои намудҳои хоси назми фаъолияти дилӣ ҳангоми вайроншавии хусусиятҳои миокард. Физиологияи эътилолии таваттури рагҳо, этология, тарзи инкишоф, намудҳо, зоҳиротҳо, тарзҳои табобат ва пешгирии ҳолатҳои гипер ва гипотензиявӣ. Таснифи тағирёбии таваттури рагҳо. Носомонии хунгардиши канорӣ ва микросиркулятсия. Гипертонияҳои симптоматикӣ. Ҳолатҳои гипотонӣ. Намудҳои Коллапс. Физиологияи патологии ҳозима, сабабҳо, тарзи инкишоф ва оқибатҳои намудҳои хоси вайроншавии ҳозима дар ковокии даҳон ва меъда. Бо таҷриба исбот намудани таъсири дараҷаи кислотаи атсидӣ ба қобилияти ҳозимавии шираи меъда. Физиологияи патологии ҳозима, сабабҳо, тарзҳои инкишоф, зуҳуротҳо, оқибатҳои намудҳои хоси вайроншавии ҳозима дар рӯдаи борик ва ғафс. Носомонии вазифаи ҳаракат ва кӯчонидании меъда. Физиологияи патологии мубодилаи моддаҳо ва энергия, вазифа, сабабҳо ва тарзи инкишофи вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва энергия ҳангоми эътилолҳои гуногун. Носомонии анаболизм ва катаболизм. Физиологияи патологии ҷигар, этиология, патогенез, намудҳо, зуҳуротҳои норасогии ҷигар; усулҳои таҷрибавии омӯзиши вайроншавиҳои вазифаҳои ҷигар; аҳамияти хунгардиши порталӣ дар патология. Физиологияи патологии гурдаҳо, сабабҳо, тарзҳои умумии инкишоф ва пайдоиши носомониҳои гурда; вайроншавии ҷараёнҳои асосӣ дар гурдаҳо; омӯзиши баҳодиҳии ҳолатҳои функсионалии гурдаҳо аз рӯи қобилияти суюқ ва ғализкунии пешоб, тарзи инкшоф, зуҳуротҳо, оқибатҳо, тарзи муолиҷаи намудҳои патологии гурдаҳо. Физиологияи патологии системаи эндокринӣ. Шаклҳои асосии носомонии эндокринӣ. Физиологияи патологии эпифиз. Физиологияи патологии ғадудҳои ҷинсӣ: гипо ва гипергонадизм. Физиологияи патологии ғадуди душоха. Стресс ва алоимияи адаптасионӣ. Физиологияи патологии системаи асаб. Этиологияи умумӣ ва тарзи инкишофи норасогиҳои дастгоҳи асаб, омӯзиши сабабҳо, тарзи инкишоф, зуҳуротҳои вайроншавии ҷараёнҳои ҳаракат ва ҳиссиёти дастгоҳи асаб.		
БФУ 02	**Анатомияи патологӣ** Вазифа, максад, усулҳои анатомияи патологӣ. Марг. Осеб. Некроз (Мавт). Дистрофия. Маълумоти умумӣ дар бораи дистрофияҳо. Дистрофияи паренхиматозӣ. Дистрофияи мезенхиамавӣ. Дистрофияҳои омехта. Дистрофияҳои маъданиҳо. Вайроншавии гардиши хун ва лимфа.	7	168

